Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 90 (4673) | ҶУМЪА, 7 ИЮЛИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВИЛОЯТИ СУҒД



(Идома аз шумораи гузашта)

**Шашуми июли соли 2023 дар шаҳри Бӯстони вилояти Суғд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Корхонаи истеҳсоли қубурҳои полиэтилении Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Мироб»-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Корхонаи истеҳсоли қубурҳои полиэтиленӣ бо 15 ҷойи доимии корӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ, дар доираи солҳои 2022-2026-ро эълон намудани «Солҳои рушди саноат» дар минтақаи саноатии шаҳри Бӯстон аз ҷониби оилаи Шарифовҳо бунёд гардидааст.

Дар корхона истеҳсоли 16 намуд қубури полиэтилении қутрашон аз 15 то 315-миллиметра ба роҳ монда шуда, дарозии қубурҳо вобаста ба қутрашон аз 6 то 100 метр истеҳсол мегардад.

Иқтидори истеҳсолии корхона дар як шабонарӯз аз 400 то 500 метр ва дар як сол аз 50 то 60 ҳазор метр қубурҳои полиэтилении босифат мебошад.

Аснои шиносоӣ бо ҷараёни истеҳсолот дар корхона Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба иқдоми созандаи соҳибкори маҳаллӣ баҳои баланд дода, таъсиси корхонаи саноатиро дар самти истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда намунаи ибрат арзёбӣ карданд.

Ба корхона ду хатти муосири технологӣ аз Ҷумҳурии Мардумии Чин дастрас гардида, барои истеҳсоли қубурҳо дар як моҳ то 10 тонна ашёи хом - полиэтилени тамғаи ПЭ 100 то марҳилаи ниҳоӣ коркард карда мешавад. Ашёи хом асосан аз Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ворид мегардад.

Қубурҳои полиэтилении истеҳсоли корхона аз лиҳози намуд ва сифат ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯ ва дар бозорҳо рақобатпазир буда, дар соҳаи обу корез, низоми таъминоти газ, барои муҳофизати кабел ва ноқилҳои барқӣ ва обёрӣ дар соҳаи кишоварзӣ васеъ истифода мегардад. Дар сурати зиёд шудани фармоиш аз ҷониби аҳолӣ, ширкатҳои сохтмонӣ ва талаботи бозор ба қубурҳои полиэтиленӣ ҳаҷми истеҳсолот афзоиш дода шуда, теъдоди кормандон низ зиёд мегардад.

Дар саҳни корхонаи саноатӣ намунаҳои маҳсулоти истеҳсолшуда муаррифӣ гардида, иттилоъ дода шуд, ки айни замон дар шаҳри Бӯстон 51 корхонаи саноатӣ мавҷуд буда, дар онҳо 20 намуд маҳсулот, аз ҷумла молҳои ивазкунандаи воридот истеҳсол карда мешаванд. Дар панҷ моҳи аввали соли ҷорӣ дар шаҳри Бӯстон ба маблағи 255 миллион сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 11,2 миллион сомонӣ зиёд буда, ба 105 дарсад баробар аст.

Дар раванди татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар сармоягузорону соҳибкорони ватанӣ саҳми арзишманд гузошта, ин тадбир дар афзоиши истеҳсолоти худӣ ва ҳам дар таъмини сокинон бо ҷои кору маоши хуб заминаи воқеӣ мегузорад.

**Шашуми июли соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шафати Варзишгоҳи 20 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд Маркази савдо ва фароғатии «Хонаи ман»-ро ба истифода доданд.**

Иншооти хизматрасонӣ аз 3 ошёна иборат буда, дар масоҳати қариб 6 ҳазор метри мураббаъ бо тарҳи муосир ва ҷавобгӯ ба стандарти меъмории муосир сохта шуда, дар он 70 нафар бо ҷойи кор таъмин гардида, оянда бо васеъ кардани доираи фаъолият шумораи кормандон ба 100 нафар расонида мешавад.

Корҳои сохтмонӣ дар иншооти хизматрасонӣ соли 2019 оғоз гардида, тайи ин солҳо 90 нафар мутахассиси соҳибтаҷриба тавонистанд иншоотро бо тарҳи зебо, мутобиқ ба талаботи замон ва ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалӣ бунёд созанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз шароити муосир таваҷҷуҳи кормандонро ба хизматрасонии сатҳи баланду босифат ҷалб карданд.

Дар ошёнаи якуми бино фаъолияти аввалин намояндагии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ёвар» дар вилояти Суғд ба роҳ монда шуда, ҳамагон метавонанд аз хизматрасонии маркази калони савдо, дорухона ва нуқтаи фурӯши таҷҳизоти электронӣ истифода намоянд.

Бо дарназардошти талаботи замони муосир фаъолият бо афзалият ба иқтисодиёти рақамӣ, асосан ғайринақдӣ, ба роҳ монда хоҳад шуд. Бо истифода аз таҷҳизоту таҷрибаи нав, аз ҷумла шароити худхизматрасонӣ, яхдонҳо, кондитсионерҳо, дастгоҳҳои таъминкунандаи бехатарӣ аз сӯхтор ва камераҳои назоратӣ, имконияти марказ ба талаботи байналмилалӣ пурра мутобиқ гардонида шудааст.

Ҳамарӯза ба таври шабонарӯзӣ мизоҷон метавонанд маҳсулоти босифатро дастрас намоянд, ки зиёда аз 60 фоизи он истеҳсоли ватанӣ мебошад.

Дар ошёнаи дуюм мағозаи фирмавии Юск (Jysk) ба фаъолият оғоз кард, ки дар он фурӯши мебел ва таҷҳизот барои хона ба роҳ монда шудааст. Мизоҷон метавонанд муроҷиат карда, аз хизматрасонии сатҳи баланди мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ баҳравар шаванд.

Дар ошёнаи сеюми иншоот фаъолияти маркази фароғатӣ барои кӯдакон ба роҳ монда, барои фароғати наврасон таҷҳизот аз давлатҳои пешрафтаи дунё дастрас шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон татбиқи нақшаи чорабиниҳои Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои таъмини зебоии шаҳру ноҳияҳо, фаро гирифтани сокинони маҳаллӣ ба ҷойи кори доимӣ ва пешрафти иқтисодиёт муҳим арзёбӣ карданд. Равшаннамоӣ ва зебоии атрофи иншоот мутобиқ ба талаботи стандарти лоиҳавӣ таъмин гардида, гулу буттаҳои ороишӣ шинонида шудааст.

Дар ҳамон рӯз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба 100 нафар ятим туҳфаҳо тақдим карда, бо онҳо суҳбати самимӣ оростанд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки дастгирии ятимону бепарасторон зери ғамхории доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ва давлат намегузорад, ки онҳо эҳсоси танҳоӣ кашанд.




Дар солҳои истиқлолияти давлатӣ дастгирии ятимону бепарасторон зери таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати мамлакат қарор дошта, ба онҳо пайваста кумакҳои моддӣ расонида мешавад. Ҳамзамон имрӯз ятимон барои таҳсилу фаъолият аз имтиёзҳо баҳравар ҳастанд.

Бунёду навсозии иншооти замонавии соҳа ва ба талаботи замон мутобиқ гардонидани шароити таҳсилу зисти ятимон натиҷаи дастгириҳои доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дастгирию таваҷҷуҳи доимӣ ва фароҳам овардани шароит барои омӯзиш имрӯз ҳавасмандии ин гурӯҳи наврасонро барои таҳсили намунавӣ ва оянда хизмат кардан ба нафъи давлату миллат афзун гардонидааст.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, ҳамчунин, Корхонаи коркарди қоғаз ва истеҳсоли маҳсулоти полиграфии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Папирус»-ро ба истифода дода, бо имконияти истеҳсолии он шинос шуданд.**

Корхонаи истеҳсолӣ асосан ба коркарди қоғаз ва истеҳсоли дафтарҳои мактабӣ, фаннӣ, корӣ ва албом машғул буда, он бо хатти муосири истеҳсолӣ, ки сифати маҳсулотро ҳамаҷониба таъмин менамояд ва аз рӯи стандартҳои байналмилалӣ фаъолият мекунад, таъмин гардидааст.

Иқтидори шабонарӯзии корхона 150-200 ҳазор дафтари гуногун ва албомро ташкил медиҳад, ки дар як моҳ ба 4,5 миллион дона баробар мешавад ва барои истеҳсоли ин миқдор маҳсулот 140-150 тонна ашёи хом коркард мегардад.

Маҳсулоти истеҳсолкардаи корхона ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда ба ҳисоб рафта, тақрибан 98 дарсади маҳсулоти истеҳсолшуда барои содирот пешбинӣ шудааст.

Корхона аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ дар доираи дастгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд ёфта, барои ноил шудан ба ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар заминаи мусоид ба ҳисоб меравад.

Зимни шиносоӣ Сарвари давлат ба маҳсулоти истеҳсолшуда ва фаъолияти коргарон баҳои баланд дода, намояндагони бахши хусусиро барои истифодаи бештар аз имтиёзҳои пешниҳодкардаи Ҳукумати мамлакат ва афзун гардонидани истеҳсоли маҳсулот ҳидоят карданд.

Ифтитоҳи чунин корхонаю коргоҳҳо барои тавлиди маҳсулоти рақобатпазири ивазкунандаи воридот боис гардида, дар оянда онҳо метавонанд, ки иқтидори содиротии мамлакатро боз ҳам болотар баранд, зеро талабот ба чунин маҳсулоти хушсифат на танҳо дар дохили ҷумҳурӣ, балки дар хориҷи он низ зиёд аст.

Сохтмони иншооти мазкур соли 2022 оғоз гардида, он бо дарназардошти талаботи замони муосир дар масоҳати наздик ба якуним гектар замин бунёд ёфта, дорои дигар иншооти ёрирасон низ мебошад.

(Давомаш дар саҳ. 2, 3)

# ЗАВОЛИ ПАРДОХТИ НАҚДӢ

## ДАР ИН ЗАМИНА МАРҲИЛАИ СИФАТАН НАВИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ ШУРӮЪ ХОҲАД ГАШТ

**Бисту дуюми июни соли равон бо тасвиби Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» амалиёти нақдӣ завол ёфт.**

Тибқи фармони мазкур, аз 1 - уми августи соли 2023 пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ, намудҳои дигари хизматрасониҳои давлатӣ, инчунин қабули маблағ аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ тариқи ғайринақдӣ амалӣ мешавад.

Илова бар ин, аз ҷониби вазорату идораҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ ба таври нақдӣ қабул намудани пардохти хизматрасониҳои музднок манъ мегардад.

Бонки миллии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ вазифадор гардиданд, ки инфрасохтори заруриро барои қабули пардохтҳои ғайринақдии худ то 1 - уми августи соли 2023 таҳия, ташкил ва таъмин намоянд.

Ба ғайр аз ин, сохторҳои зикршуда бояд ҳамгироии инфрасохтори қабули пардохтҳои ғайринақдиро барои қабули хизматрасониҳои музднок то 1- уми августи соли 2023 таъмин карда, бо мақсади ҳавасмандгардонии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои анҷом додани хизматрасониҳои ғайринақдӣ, оид ба ҷорӣ намудани меъёри ягонаи пардохти ҳаққи хизматрасониҳои ғайринақдӣ ва тартиби пардохти он чораҷӯӣ намоянд.

Таъмини амнияти иттилоотии пардохтҳои ғайринақдӣ низ вазифае ба ҳисоб меравад, ки ба зиммаи сохторҳои зикршуда якҷо бо Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шуд.

Лозим ба ёдоварист, ки иқдоми мазкур аз Паёми Президенти мамлакат ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори кишвар маншаъ гирифтааст. Зимни ироаи Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш дода буданд, ки: «Бо мақсади мусоидат ба рушди бахши молиявӣ зарур аст, ки аз 1-уми июли соли 2023 пардохти ҳамаи андозҳо ва боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии давлатӣ пурра ба таври ғайринақдӣ ба роҳ монда шавад. Вобаста ба ин, аз ҷониби Вазорати молия ва Бонки миллӣ ҷиҳати таъсис додани махзани ягонаи маълумот доир ба суратҳисоби ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо, тавсеаи инфрасохтори пардохти ғайринақдӣ ва ташкили равзанаи ягонаи пардохти тамоми хизматрасониҳои давлатӣ бояд тадбирҳои зарурии фаврӣ ва қатъӣ андешида шаванд».

Қобили зикр аст, ки афзалият додан ба пардохти ғайринақдӣ солҳои охир дар мадди назари Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Барои мисол, шашуми апрели соли 2016 Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул намуд. Ҳарчанд он вақт бархе аз воситаҳои ахбори омма муҳимияти онро сарфи назар карданд, вале қонуни мазур нуктаҳои хеле муҳим ва қобили таваҷҷуҳ дошт. Бахусус, иловаҳои ба моддаи 615-уми кодекс воридгардида таваҷҷуҳбарангез аст. Моддаи 615-уми Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Риоя накардани тартиби истифодаи мошинаҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва баҳисобгирии хазина» ном дошта, тибқи иловаҳо, ба номи модда калимаҳои «терминалҳои электронӣ» ва қисми нав дар таҳрири зерин пешниҳод гардидааст: «Барои саркашӣ намудан аз насби терминалҳои электронӣ ё рад кардани истифодабарии кортҳои пардохтии бонкӣ дар ҳисоббаробаркуниҳо ба шахсони мансабдор ба андозаи аз сад то яксаду шаст, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд, аз яксаду шаст то яксаду ҳаштод ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз яксаду ҳаштод то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешаванд».

Масъулин зимни шарҳи ин иқдом, аз ҷумла гуфтанд, ки «тағйиру иловаҳо ба моддаи 615 бо мақсади таъмини талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ» аз 31 - уми декабри соли 2014 таҳти № 815 вобаста ба насб ва истифодаи терминалҳои электронӣ барои ба роҳ мондани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ пешбинӣ гардидааст.

То қабули ин санади меъёрии ҳуқуқӣ дар меъёрҳои амалкунандаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барои саркашӣ намудан аз насби терминалҳои электронӣ ё рад кардани истифодаи кортҳои пардохтӣ дар ҳисоббаробаркуниҳо ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ нагардида буд. Бинобар ин, иловаи пешбинигардида минбаъд барои саркашӣ намудан аз насби терминалҳои электронӣ ё рад кардани истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ дар ҳисоббаробаркуниҳо ҷавобгарии маъмуриро дар шакли ҷарима муқаррар намуд.

Дар нишастҳои матбуотии Вазорати молия чандин маротиба ба масъалаи мавриди назар дахл карда будам. Эътироф бояд кард, ки посухи масъулини ин вазорат барои огоҳии бештари ҷомеа аз бартариҳои ин намуди пардохт мусоидат кард. Қобили зикр аст, ки дар ҳама нишастҳои матбуотӣ вазири молияи мамлакат Файзиддин Қаҳҳорзода ба ин масъала таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, бо далелҳои раднопазир муҳимияти тавсеаи пардохти ғайринақдиро бозгӯӣ карда буд. Пешниҳоди имтиёз ба соҳибкорон барои насби терминалҳои электронӣ дар марказҳои савдою хизматрасонӣ низ ба номбурда мансуб аст.

Номбурда 24-уми июни соли ҷорӣ мухтасар гуфт, ки иқдоми мазкур идомаи мантиқии сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб рафта, дар ин замина марҳилаи сифатан нави рушди иқтисодиёт шурӯъ хоҳад гашт.

### НИГАРОНӢ АЗ НАБУДАНИ ПОРТАЛИ ЯГОНА ВА ЗАИФИИ ИНФРАСОХТОР

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода 23-юми июни соли ҷорӣ зимни шарҳу тавзеҳи фармони мазкур минҷумла зикр кард, ки иқдоми мазкур саривақтӣ буда, барои таъмини шаффофияти амалиёти молиявӣ, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, пешгирии омилҳои коррупсионӣ, коҳиш додани таъсири омилҳои инсонӣ, болотар рафтани рейтинги байналмилалии кишвар ва ҷалби сармояи хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Вусъати ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ талаботи аҳолиро ба пули нақд коҳиш дода, навбатпоиро дар назди банкомату хазинаҳои ташкилоти қарзии молиявӣ барои гирифтани пули нақд аз байн мебарад ва боиси сарфаи вақту харҷ мегардад.




Бино ба гуфти номбурда, то қабул гардидани фармони мазкур аз ҷониби низоми бонкии кишвар як қатор тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, барои татбиқи самараноки он заминаи мусоид фароҳам шудааст. Аз ҷумла, бо қабул шудани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми ноябри соли 2018 таҳти №565 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» ташкилотҳои қарзии молиявӣ якҷо бо вазорату идораҳо ва корхонаю муассисаҳои давлатӣ имкони пардохт намудани як қатор хизматрасониҳои давлатиро таъмин намудаанд.

Бар замми ин, бо мақсади рушди пардохтҳои ғайринақдӣ ташкилотҳои қарзии молиявии ватанӣ технологияҳои муосири молиявии рақамӣ, аз қабили кортҳои пардохтии бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ, бонкдории мобилӣ, «Интернетбонкинг», пардохтҳо тавассути POS-терминал ва QR-рамзро мавриди истифода қарор доданд

Маълум гардид, ки то 31 - уми майи соли 2023 аз ҷониби низоми бонкӣ зиёда аз 5,7 млн. корти пардохтии бонкӣ ба муомилот бароварда шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 43 фоиз зиёд мебошад. Инчунин, дар 5 моҳи соли ҷорӣ теъдоди ҳамёнҳои электронӣ ба 7,7 млн. адад расид, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 63 фоиз зиёд мебошад.

(Давомаш дар саҳ. 3)

# САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВИЛОЯТИ СУҒД

(Идома аз саҳ. 1)

Рушди соҳаи саноат, баланд гардидани иқтидори истеҳсолӣ, таъмин намудани сокинон мамлакат бо ҷойҳои нави корӣ ва кам намудани сатҳи камбизоатӣ аз масъалаҳои асосӣ ба шумор рафта, пайваста зери таваҷҷуҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд. Ҳамин аст ки сол то сол дар ҷумҳурӣ шумораи корхонаҳои саноатӣ зиёд гардида, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба маротиб афзоиш меёбад.



**Дар идомаи сафари корӣ ба шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон коргоҳи коркард ва истеҳсоли конструксияҳои металлии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сохтмони Кабир»-ро ифтитоҳ намуданд.**

Коргоҳи коркард ва истеҳсоли конструксияҳои металлӣ ба ифтихори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи эълон намудани солҳои 2022- 2026 «Солҳои рушди саноат» аз тарафи соҳибкори ватанӣ Комил Турдибоев бунёд шудааст.

Бо таъсиси коргоҳ 20 нафар бо ҷои кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардида, бо дарназардошти афзоиш талабот ба маҳсулоти коргоҳ ба сари вақт иҷро намудани фармоиш боз 10 нафар дигар ба кор ҷалб карда мешавад.



Ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки металл ба коргоҳ аз дохил ва хориҷи кишвар ворид гардида, раванди коркард ва истеҳсоли конструксияҳо тавассути хатҳои муосири технологӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар коргоҳи навбунёд номгӯи зиёди конструксияҳои металлӣ, аз ҷумла гунбазҳо барои бинои иншооти гуногун, маҷмааҳои варзишӣ, терминалҳои мусофирбарӣ, истгоҳҳои роҳи оҳан, намоишгоҳҳо, пулҳо, роҳҳои пиёдагарди рӯизаминӣ бо шаклу андозаҳои зарурӣ бо сатҳу сифати баланд коркард ва истеҳсол мегардад. Конструксияҳои металлии коркард ва истеҳсоли коргоҳ дар асоси лоиҳаи иншооти сохташаванда бо фармоиши мизоҷон омода карда мешавад, ки муҳлати истифодаи тӯлонӣ доранд.

Дастгоҳу таҷҳизот барои коркарди металл ва истеҳсоли конструксияҳо аз Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дастрас гардидааст, ки онро мутахассисони тоҷик васлу насб намуда, идора менамоянд. Коркард ва истеҳсоли конструксияҳои металлии аз 1 то 5-сантиметра чанд марҳила, нахуст буридан, баъдан башаклдарорӣ, кафшергарӣ, ҷамъу васлнамоӣ ва ниҳоят рангуборро дар бар мегирад.

Зимни шиносоӣ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки иқтидори истеҳсолии коргоҳ дар як сол ба ҳисоби миёна 400 тонна конструксияҳои металлии дорои сифати баланд мебошад.

Ҳоло дар мамлакат талабот ба конструксияҳо аз оҳан ҳамчун масолеҳи сохтмонӣ зиёд аст. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сохтмони Кабир» аз зумраи аввалин коргоҳҳоест, ки дар шаҳри Хуҷанд ба коркард ва истеҳсоли конструксияҳои металлӣ ба фаъолият шурӯъ намуд. Аз ин рӯ, масъулони коргоҳ нақша доранд, ки бо истифодаи босамар аз иқтидорҳои мавҷуда талаботи бозори дохилиро бо ин навъи маҳсулоти ивазкунандаи воридот таъмин намоянд.

Имрӯзҳо конструксияҳои металлӣ ба ҷумҳурӣ асосан аз кишварҳои хориҷӣ бо нархи гарон ва масрафи зиёд ворид мегардад. Акнун дар коргоҳи навбунёд конструксияҳои оҳанин бо шакл ва андозаҳои гуногун ҳам бо фармоиши мизоҷон ва ҳам вобаста ба талаботи бозор коркард ва истеҳсол карда мешавад.

Дар ҳамон ҷо Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолияти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сохтмони Кабир», ки дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар сохтмон ва бунёди иншооти таъиноти гуногун, аз қабили сутунпояҳои Парчами миллӣ, Нишони давлатӣ, қалъаҳо ва коху маҷмааҳо саҳми назаррас дорад, шинос шуда, ба корҳои анҷомдодаи мутахассисони тоҷик баҳои баланд доданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои фаъолияти босамари коргоҳ ва барои тараққӣ додани соҳаи мазкур ба кормандон маслиҳату тавсияҳои судманд доданд.

Ба таъкиди Президенти мамлакат шаҳри Хуҷанд барои рушди соҳаи соноат, хусусан коркард ва истеҳсоли масолеҳи баландсифати сохтмонӣ аз металл, имконияти воқеӣ дорад.

**Дар идомаи сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин, дар маҳаллаи Навбаҳори шаҳри Хуҷанд бинои навбунёди Маркази ташхисӣ - табобатии «Садаф»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Маркази номбурда дар доираи корҳои бунёдкорию созандагӣ ба ифтихори Ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Наимҷон Тураев сохта шудааст.

Баробари ба истифода додани иншоот 40 нафар мутахассиси баландихтисос бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардид.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки сохтмони иншооти мазкур моҳи сентябри соли 2022 оғоз гардида,




дар фурсати муқарраршуда ба итмом расидааст. Маркази ташхисию табобатӣ дорои 12 ҳуҷра ва 34 кат барои беморон буда, бо истифода аз масолеҳи сохтмонии истеҳсоли ватанӣ ва бо ҷалби сохтмончиёни маҳаллӣ дар масоҳати умумии 0,17 гектар қомат афрохтааст.

Дар Маркази ташхисию табобатии «Садаф» маҷмӯи васеи хизматрасонии тиббӣ, аз қабили ҷарроҳии эстетикии ҷоғу рӯй, гузоштани имплантант ва дармонгоҳи дил, ба роҳ монда шудааст.

Бинои навбунёди хуштарҳу замонавӣ аз 4 ошёна ва таҳхона иборат буда, бо таҷҳизоти муосири тиббӣ ва табобатӣ, аз ҷумла лазери спикане, ки аз Ҷумҳурии Корея дастрас гардидааст, таҷҳизонида шудааст.

Маркази ташхисӣ - табобатии «Садаф» дорои ошхона ва толори маҷлисгоҳ бо 40 ҷойи нишаст мебошад. Дар бинои нав таҷҳизоти муосири тиббии дандондармонӣ, микроскоп барои гузаронидани амалиёти ҷарроҳӣ, рентген барои ҷоғу рӯй, ҳуҷраи физиотерапевтӣ, толори истироҳату фароғати кӯдакон ва ҳуҷраҳои кории табибон ҷойгир шуда, ҳамаи ташхису табобат бо сифати баланд анҷом дода мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми соҳибкорро барои таъмини шароити муосири ташхис ва табобати дандон намуна арзёбӣ карданд.

**Ҳафтуми июли соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ ба ноҳияи Мастчоҳ ташриф оварда, дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Арвис Зелал Текстайл», ки аз калонтарин маҷмааи ресандагии вилояти Суғд ба ҳисоб меравад, бо раванди коркарди саноатии нахи пахта ва истеҳсоли ресмони пахтагин шинос шуданд.**

Зимни шиносоӣ бо раванди истеҳсолот ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки ин маҷмааи бузурги ресандагӣ бо саҳмгузории соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Туркия моҳи декабри соли 2022 баъди таҷдид дубора ба фаъолият оғоз намуд ва дар он зиёда аз 300 нафар сокини маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардиданд.

Дар корхонаи калони ресандагӣ шумораи бештари кормандонро занону духтарон ташкил дода, бо ҷойи кор таъмин намудани боз 200 нафари дигар имконпазир буда, дар маҷмӯъ шумораи кормандон ба 500 нафар расонида мешавад ва музди миёнаи меҳнат 1500 - 2000 сомониро ташкил медиҳад.

Дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Арвис Зелал Текстайл», ки ҳоло дар се баст фаъолият дорад, дар як сол имконияти коркарди 6,5 ҳазор тонна нахи пахта ва истеҳсоли 5 ҳазору 400 тонна ресмони пахтагини андозааш 16, 20, 24 ва 30 мавҷуд мебошад.

Эҳёи дубораи корхона қадами устувор дар роҳи рушди истеҳсолоти ватанӣ, инчунин ташкили ҷойҳои зиёди кории нав арзёбӣ мешавад. Бо ҳамин мақсад тайи солҳои соҳибистиқлолӣ бо иқдому дастгириҳои роҳбарияти давлату Ҳукумати мамлакат, бевосита Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таъсиси корхонаҳои саноатӣ ба сармоягузорони ватанию хориҷӣ шароити мусоид фароҳам оварда шуд.

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Арвис Зелал Текстайл» аз лиҳози иқтидори истеҳсолию технологӣ дар вилоят калонтарин корхонаи ресандагӣ буда, дар коргоҳҳои алоҳидаи он пешрафтатарин дастгоҳу таҷҳизоти коркарди нахи пахта ва тавлиди ресмони пахтагин аз ширкатҳои бонуфузи ҷаҳон, аз ҷумла Олмон, Хитой ва Туркия, васлу насб шуда, ашёи хом пурра аз ҳудуди вилояти Суғд дастрас карда мешавад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои шиносоӣ бо ҷараёни истеҳсолот аз масъулони дахлдор истифодаи самараноки таҷҳизоти корӣ, коркарди босифати нахи пахта, истеҳсоли маҳсулоти дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир ва ташкили ҷойҳои нави кориро тақозо намуданд.

Иттилоъ дода шуд, ки маҳсулоти истеҳсолшуда - ресмони пахтагин имрӯзҳо ба хориҷи мамлакат, аз ҷумла Ҷумҳурии Ӯзбекистон содирот карда мешавад. Ҳамзамон ҷамъияти мазкур имконият дорад, корхонаҳои бофандагии мамлакатро бо риштаи пахтагин таъмин намояд.

Тибқи маълумот, дар моҳи декабри соли 2022 ва шаш моҳи сипаришудаи соли 2023 дар ин маҷмааи калони ресандагӣ наздики 2 ҳазор тонна риштаи пахтагин истеҳсол шудааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулону сармоягузорони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Арвис Зелал Текстайл» дастур доданд, ки дар оянда истеҳсоли ришта дар як сол ба 8 ҳазор тонна расонида шуда, бо ворид намудани хатҳои нави технологӣ ва истифодаи самаранoку оқилонаи имконияту иқтидорҳои мавҷуда, хусусан коркарди пурраи ашёи хом, чор марҳилаи комили истеҳсолот, аз ҷумла ресандагӣ, бофандагӣ рангуборкунӣ ва дӯзандагӣ, ба таври васеъ ба роҳ монда шавад. Дар оянда анҷоми ин тадбир имкон медиҳад, ки дар мамлакат ашёи хом то ҳадди ниҳоӣ коркард шуда, дар баробари таъмини бозори дохилӣ, ҳамчунин ҳаҷми содироти маҳсулоти тайёри дӯзандагӣ ба хориҷи кишвар афзоиш ёбад. Масъулони корхонаи ресандагӣ нақша доранд, ки дар оянда истеҳсоли пахтаро ҳам ба роҳ монанд.

Сармоягузорон ваъда доданд, ки корхонаи истеҳсол ва рангубори матоъ баъди ворид кардани хатҳои



нави технологӣ ба истифода дода мешавад ва барои таъсиси корхонаи дӯзандагӣ нақшаҳо тарҳрезӣ шудааст.

Зимни боздид аз намоиши маҳсулоти тайёр иттилоъ дода шуд, ки ҶДММ «Арвис Зелал Текстайл» дар як қатор кишварҳои минтақа, аз ҷумла Ҷумҳурии Ӯзбекистон корхонаҳои истеҳсоли матоъ ва маҳсулоти тайёри дӯзандагиро таъсис дода, дар ҳамкорӣ бо соҳибкорони тоҷик дар назди Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Арвис Зелал Текстайл»-и ноҳияи Мастчоҳ низ бо амалӣ намудани нақшаю барномаҳои мукаммали истеҳсолӣ ба коркарди ашёи хом то ҳадди ниҳоӣ комёб хоҳад шуд. Таъсиси чунин корхонаҳо, аз як ҷониб ба таъмини пурраи бозори дохилу хориҷи мамлакат бо маҳсулоти тайёри дӯзандагӣ бо нишони «Истеҳсоли Тоҷикистон» мусоидат кунад, аз тарафи дигар боис ба он мегардад, ки ҳазорҳо нафар сокини маҳаллӣ соҳиби ҷойи кори доимӣ шаванд.

**Дар доираи сафари корӣ ба вилояти Суғд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Мастчоҳ, инчунин, маҷмааи меҳмонхона ва маркази сайёҳии «Раҳим»-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Маҷмааи меҳмонхона ва маркази сайёҳии «Раҳим» бо усули меъмории замонавӣ бунёд ёфта, аз чор ошёна иборат аст. Дар ошёнаи якум қабулгоҳ, маъмурият, ҳуҷраи кормандон, 3 ҳаммоми замонавӣ, ҳавзи шиноварӣ, мағоза, дар ошёнаи дуюм толори варзишӣ, ҳаммоми усули туркӣ, дар ошёнаи сеюм қаҳвахона, утоқи мураббиёни варзиш, маҷлисгоҳ, дар ошёнаи чорум 11 ҳуҷраи меҳмонхона ҷойгир аст.

Ҳуҷраҳои меҳмонхона бо усули хоси аврупоӣ ва миллӣ сохта шуда, барҳавою зебо ва назаррабо мебошад. Сохтмони бинои меҳмонхона соли 2020 шурӯъ гардида, дар бунёди он соҳибкори ватанӣ Абдуваҳҳоб Ҳасанзода саҳм гузоштааст.

Корҳои сохтмонии иншооти мазкурро 40 нафар сохтмончии маҳаллӣ анҷом додаанд. Барои бунёди меҳмонхона ва биноҳои ёрирасони он беш аз 4 миллион сомонӣ маблағ сарф шуда, дар иншооти нави соҳибкори ватанӣ беш аз 20 сокини ноҳияи Мастчоҳ бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардиданд.

Бинои маҷмааи меҳмонхона ва маркази сайёҳии «Раҳим» бо истифода аз усулҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ ва бо омезиши унсурҳои миллӣ сохтаю оро дода шуда, қабулгоҳу долонҳо ва ҳуҷраҳо бо мебелу таҷҳизоти муосир, мизу курсиҳои замонавӣ, роҳаткурсию ҷевонҳо, асбобу лавозимоти меҳмондорӣ ва дигар лавозимоту таҷҳизоти муосир мутобиқ ба стандарт муҷаҳҳаз карда шудааст. Он имконият медиҳад, ки хизматрасониҳо дар як вақт то ба 100 нафар меҳмону сайёҳи дохилу хориҷи кишвар дар сатҳи баланд ба роҳ монда шавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ ба соҳибкори ватанӣ барои чунин сахму иқдоми шоиста баҳои арзанда доданд ва таъкид доштанд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ташаббусҳои созандаи соҳибкорони ватандӯстро ҳамеша дастгирӣ менамояд.

Тибқи лоиҳа ва талаботи меҳмонону сайёҳон ба ҷойгиркунӣ ва сохту усули ҳаммомҳо ва гармобаҳо таваҷҷуҳи хоса дода шудааст. Маҷмааи меҳмонхона ва маркази сайёҳии «Раҳим» дар шафати шоҳроҳи «Душанбе-Бӯстон-Чанок» бо дарназардошти рафтуомади зиёди меҳмонони дохилу хориҷи кишвар сохта шуда, дар баробари муаррифии имкониятҳои сайёҳӣ барои меҳмонон шароити хуби истироҳату фароғат фароҳам гардидааст.

Маҷмааи дорои шароити замонавии шуғл варзидан ба намудҳои варзиш, тарбияи ҷисмонӣ ва солимгардонӣ мебошад. Бо ин мақсад дар он варзишгоҳи болопӯшида, толори варзишӣ, 3 ҳавзи шиноварӣ ва нуқтаҳои машқу тамрин бо таҷҳизоти муосири варзишию солимгардонӣ бунёду муҷаҳҳаз карда шудааст.

**Ҳафтуми июли соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳраки Бӯстони ноҳияи Мастчоҳ, ҳамчунин, сардхонаи муосирро бо ғунҷоиши 500 тонна маҳсулоти кишоварзӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Сардхонаи муосир дар доираи дастуру супоришҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тарафи Муассисаи давлатии «Рушди Мастчоҳ» ва соҳибкорони ватанӣ дар масоҳати 1600 метри мураббаъ бунёд гардида, дорои се анбори захираи маҳсулот мебошад.

Дар сардхона дастгоҳу таҷҳизоти соҳавӣ васлу насб шудааст, ки он барои дар ҳамаи фаслҳои сол беталаф нигоҳ доштани маҳсулоти кишоварзӣ имконият медиҳад.

Корҳои сохтмонӣ бо ҷалби 20 нафар сохтмончии маҳаллӣ, бо истифода аз масолеҳи оҳану бетонӣ ба анҷом расонида шуда, фармоишгари иншоот Муассисаи давлатии «Рушди Мастчоҳ» ва пудратчӣ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сохтмон-3» мебошад. Лоиҳаи сардхона аз ҷониби КВД «Лоиҳакаш» дар ноҳияи Мастчоҳ омода шуда, ҷавобгӯи талаботи замони муосир аст.

Зимни шиносоӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин иқдомро шоиста арзёбӣ намуда, таъкид доштанд, ки бунёди сардхонаҳои муосир барои захираи маҳсулоти кишоварзӣ имконияти хуби дар тамоми фаслҳои сол таъмин намудани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти тару тоза мебошад. Аз ин рӯ, ба ин масъала дар ҳамаи минтақаҳои мамлакат соҳибкорону хоҷагидорон таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда истодаанд.

Дар ҳамон ҷо Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоиши маҳсулоти кишоварзии хоҷагидорони ноҳияи Мастчоҳ боздид ба амал оварданд. Кишоварзони ноҳия намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ, аз қабили сабзавот, меваҳои хушсифат ва дигар намуди маҳсулотро ба маъраз гузоштанд.

Намоиши маҳсулоти хушсифати кишоварзӣ бозгӯи он аст, ки сол аз сол ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ дар вилояти Суғд, бахусус ноҳияи Мастчоҳ, зиёд карда мешавад.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ ба вилояти Суғд роҳи автомобилгарди «Бӯстон - Обшорон - Зарнисор»- ро низ мавриди истифода қарор доданд. Масофаи роҳ 38 километр буда, ноҳияи Мастчоҳ, як қатор деҳоти ноҳияи Бобоҷон Ғафуровро бо шаҳраки Зарнисори шаҳри Гулистон мепайвандад.**

Таҷдиди роҳи автомобилгарди «Бӯстон - Обшорон - Зарнисор» яке аз лоиҳаҳои калонҳаҷми соҳаи роҳсозӣ ба ҳисоб рафта, тибқи супориши Ҳукумати ҷумҳурӣ дар асоси шартномаи сетарафа байни Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Чин», Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Муассисаи корҳои механиконидаи «Сомонӣ» ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Гулистон бо харҷи беш аз 75 миллион сомонӣ татбиқ гардидааст.

Иттилоъ дода шуд, ки дар натиҷаи истифодаи солҳои тӯлонӣ ин роҳ фарсуда гардида буд ва он пурра азнавсозӣ карда шуд.

Корҳои сохтмони азнавсозии роҳи автомобилгард ва иншооти марбутаи онро коргарон мутахассисони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Муассисаи корҳои механиконидаи Сомонӣ» бо ҷалби коргарону мутахассисон ва техникаю механизмҳои роҳсозӣ дар муҳлати кӯтоҳ бо сифати баланд ба анҷом расониданд.

Роҳи автомобилгарди «Бӯстон - Обшорон - Зарнисор» дар масофаи 38 километр пурра аз таҳкурсӣ аз нав сохта, дар он аз рӯи меъёрҳои роҳсозӣ ду қабат асфалт хобонида шудааст. Паҳнои асфалти роҳ аз 7 то 11 метрро ташкил медиҳад. Дар масофаи ин роҳ ду пули нави мошингузар сохта, ду пули мавҷуда пурра таъмиру навсозӣ карда шуд.

Дар мавзеъҳои гуногуни роҳи мошингарди «Бӯстон - Обшорон - Зарнисор» иншооти соҳилмустаҳкамкунӣ, новаҳои обгузар обпарто ба бунёди иншооти ҳимоявӣ шафати роҳ бунёд шудааст.

Масолеҳи сохтмонӣ - регу шағал ва асфалти гарм аз корхонаи «Муассисаи корҳои механиконидаи Сомонӣ» таъмин карда шудааст.

Таъкид карда шуд, ки татбиқи лоиҳаи таҷдиди роҳи автомобилгарди «Бӯстон - Обшорон - Зарнисор» бо дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ аз тадбирҳои муҳими бунёду азнавсозии иншооти коммуникатсонӣ буда, дар рушди иқтисодӣ - иҷтимоии минтақа нақши муҳим дорад, зеро ин роҳ минтақаи калони саноати кӯҳкории кишвар - Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Чин», силсилаконҳои «Зарнисору Бургунда», минтақаҳои кишоварзӣ ва деҳаҳои ноҳияҳои Бобоҷон Ғафурову Мастчоҳро ба маркази вилоят - шаҳри Хуҷанд мепайвандад. Роҳи нав вақт ва хароҷоти бору мусофиркашониро кам карда, шароити меъёрии ҳаракати воситаҳои нақлиёти бору мусофиркашонро фароҳам меорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои дар муҳлати пешбинишуда анҷомёфта баҳои баланд дода, саҳми ширкату корхонаҳоро барои татбиқи лоиҳа назаррас арзёбӣ намуданд.

Намояндагони аҳли ҷомеаи ноҳияи Мастчоҳ ва шаҳри Гулистон барои таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ дар соҳаи роҳсозӣ ба Сарвари давлат ва Ҳукумати мамлакат изҳори сипос намуданд.

**Ҳафтуми июли соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳоти «Навбаҳор»-и ноҳияи Мастчоҳ бо фаъолияти саҳмдорони Хоҷагии деҳқонии «Тутзор-19», нашъунамои маҳсулоти полезию лӯбиёгиҳо шинос шуда, аз намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзию ҳунарҳои мардумӣ дидан карданд ва бо масъулину мутахассисони соҳа ва кишоварзон суҳбат намуданд.**

Хоҷагии деҳқонии «Тутзор-19» дар натиҷаи таҷдиди хоҷагиҳои калони кишоварзӣ таъсис ёфтааст.

Саҳмдорони хоҷагӣ замини киштро пурраю оқилона истифода бурда, пахта, полезӣ, сабзавот ва лӯбиёгиро кишту парвариш ва истеҳсол менамоянд. Дар хоҷагӣ масоҳати полезиҳо - харбузаю тарбуз 0,7 гектарро ташкил медиҳад. Полезиҳо охири моҳи март кишт карда шуда, ҳосили аввали харбузаю тарбуз пухта, ба ҷамъоварӣ омода гардидааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақшу саҳм ва маҳорату кордонии деҳқонони ноҳияи Мастчоҳро дар истеҳсоли маҳсулот, хусусан пахта, чормағзи заминӣ, полезӣ ва рушди чорводорӣ, хоса таъкид намуданд.

Тухмиҳои серҳосил асосу заминаи зиёд карда шудани ҳаҷми истеҳсоли полезиҳо буда, харбузаю тарбузи парвардаи деҳқонони ноҳияи Мастчоҳ сифат ва таъму лаззати хоса доранд. Ин ба иқлими гарми мавзеи Дилварзин ва муҳимтар аз ҳама ба заҳмату маҳорату кордонии деҳқонон вобаста аст.

Саҳмдорони Хоҷагии деҳқонии «Тутзор-19» дар қисми замин баъди ҷамъоварии ғалла дар кишти такрорӣ лӯбиёгиҳо, аз ҷумла лӯбиё ва мош, парвариш менамоянд. Ҳосили кишти такрории лӯбиёгиҳо то 30-35 сентнер – 3-3,5 тонна аз як гектар буда, аҳли хоҷагӣ дар кишти асосӣ аз ғалла 40 сентнерӣ ҳосил рӯёниданд.

Ҳосили ғалла ва лӯбиёгиҳо якҷоя дар кишти асосӣ ва такрорӣ 70-75 сентнериро аз як замин ташкил медиҳад. Саҳмдорон нақша доранд, баъди гирифтани ҳосили лӯбиёгиҳо дар ин қитъаҳои замин бори сеюм зироати хӯроки чорво кишт карда, аз як замин ҳосили сеюм низ рӯёнанд. Ин намунаи истифодаи пурраю оқилонаи замин дар ноҳияи Мастчоҳ мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишти такрориро аз роҳу омилҳои афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла полезӣ, арзёбӣ намуда, масъулону мутахассисони вилояти Суғд ва ноҳияи Мастчоҳро вазифадор намуданд, ки аз ин тадбири муҳими самаранокии обу замин оқилона истифода намоянд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳунарҳои мардумии ноҳияи Мастчоҳ низ дидан карданд.

Дар намоишгоҳ намояндагони кишоварзону ҳунармандони 8 шаҳраку деҳоти ноҳия намуди маҳсулоти озуқаворӣ ва ҳунармандиро пешниҳоду муаррифӣ карданд.

Кишоварзони ноҳия анвои гуногуни маҳсулоти кишоварзӣ, галладонагиҳо, нон ва маҳсулоти ноӣ, асал ва маҳсулоти занбӯри асал, маҳсулоти ширӣ, чормағзи заминӣ ва намунаҳои ҳунарҳои мардумӣ, аз ҷумла кандакорӣ, оҳангарию ба намоиш гузоштанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишоварзону аҳолии ноҳияи Мастчоҳро барои боз ҳам афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳидоят намуданд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Мастчоҳ, инчунин, корхонаи парандапарварии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Некбахт»-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Корхонаи парандапарварӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби соҳибкорон Некрӯз Валиев ва Бахтиёр Валиев бунёд гардида, айни замон дар як марҳила, ки 45 рӯзро дар бар мегирад, 50 ҳазор сар паранда, аз ҷумла ҳазор сар мурғи «марҷон» парвариш карда мешавад.

Ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки иқтидори солонаи корхона истеҳсоли 600 тонна гӯшти парҳезӣ буда, минбаъд саршумори паранда дар як марҳилаи парваришӣ ба 100 ҳазор сар расонида, истеҳсоли гӯшти паранда солона ба 1000-1200 тонна баробар мегардад.

Масоҳати иншооти парандапарварӣ 5 ҳазор метри мураббаъ буда, дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Некбахт» 5 бинои мурғпарварӣ, бинои маъмурӣ ва ошхона барои кормандон сохта, раванди обу ғизодиҳӣ, ҳолати зооветеринарӣ, санитарию беҳдоштӣ ва назорати ҳарорати дохили бино ба таври автоматӣ ба роҳ монда шуда, муосиртарин дастгоҳу таҷҳизот васлу насб гардидааст.

Ҳадаф аз бунёди чунин корхонаҳо, пеш аз ҳама, таъмини бозори дохилӣ бо гӯшти парҳезӣ, зиёд намудани ҳаҷми содироти маҳсулот ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ арзёбӣ карда шуд.

Ҳоло дар корхона 50 нафар сокини маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин шудаанд. Бо истифода аз имтиёзу сабукиҳои аз ҷониби Ҳукумати мамлакат пешниҳодгардида соҳибкорон дар бунёди корхонаҳои парандапарварӣ саҳми арзанда мегузоранд.

Дар ҶДММ «Некбахт» барои фаъолияти меъёрии соҳаҳо шароиту инфрасохтори зарурӣ муҳайё карда шудааст.

Дар ҳамон ҷо Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хатти обро мавриди истифода қарор доданд. Маълумот дода шуд, ки дар асоси ҳидоятҳои роҳбарияти олии давлату Ҳукумат бо мақсади самаранок истифода намудани замин дар масофаи 4 километр хатти об кашида, 15 гектар заминҳои ҷамъият шодоб карда мешавад.

Дар ҳудуди корхона намоишгоҳи маҳсулоти соҳа ташкил карда шуд.

Зимни боздид аз намоиши маҳсулоти корхонаҳои парандапарварии вилояти Суғд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ташаббуси соҳибкорон, ки дар амалӣ намудани сиёсати бунёдкоронаи Ҳукумати мамлакат саҳм мегузоранд, изҳори қаноатмандӣ карда, соҳибкорони ватандӯстро барои истифодаи мақсадноки зарфияту имконот, зиёд намудани шумораи ҷойҳои кории нав, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва саҳм гузоштан дар корҳои ободонӣ ҳидоят карданд.

Дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Некбахт» Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, ба фаъолияти коргоҳи истеҳсоли пину, яъне қурут ва бандубасти чормағзи заминӣ оғоз бахшида, бо раванди истеҳсолот шинос шуданд.

Иттилоъ дода шуд, ки дастгоҳу таҷҳизоти муосир аз Ҷумҳурии Қазоқистон ба коргоҳ оварда шуда, дар раванди васлу насби хатти истеҳсолӣ ва омӯзишу истифодаи онҳо коргарону мутахассисони Тоҷикистону Қазоқистон ҳамкорӣ карданд.

Коргоҳи мазкур нахустин дар минтақа буда, бо харҷи 500 ҳазор сомонӣ бунёд ёфтааст ва дар он дар як шабонарӯз 400-500 килограмм маҳсулот истеҳсол карда мешавад. Айни замон 10 навъи қурут бо бастабандии замонавӣ роҳандозӣ гардида, бандубасти чормағзи заминӣ дар оянда ба нақша гирифта шудааст.

Маҳсулоти истеҳсолнамудаи коргоҳ дар марҳилаи аввал ба бозорҳои дохили мамлакат пешниҳод мегардад. Бо зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва номгӯйи он ба яке аз маҳсулоти навъи содиротӣ табдил меёбад.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳоти «Навбаҳор» - и ноҳияи Мастчоҳ бо парвариши чорвои калони хушзот ва гӯштии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Некбахт» низ шинос шуданд.**

Ин фермаи чорвопарварӣ аз тарафи соҳибкорон Некрӯз Валиев ва Бахтиёр Валиев бунёд ёфта, аз бинои алоҳидаю ёрирасон иборат мебошад ва дар онҳо бо риояи меъёрҳои соҳаи чорвопарварӣ шароити хуб фароҳам гардидааст. Ферма барои парвариши 100 сар чорво пешбинӣ ва бо ин мақсад чорвои хушзот ворид карда шудааст.

(Давомаш дар саҳ. 3)



# САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВИЛОЯТИ СУҒД

**(Идома аз саҳ. 1, 2)**

Ба Сарвари давлат иттилоъ дода шуд, ки бо мақсади рушди соҳаи чорводорӣ, зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, шир ва гирифтани чорвои хушзот дар шароити маҳал фермаи мазкур таъсис ёфта, чорвои калони зоти «сементалӣ» аз Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Беларус ворид карда шудааст. То имрӯз аллакай 100 сар чорво ворид гардидааст, ки аз он 25 сарашро модагов ташкил медиҳад.

Чорвои калони зоти «сементалӣ», ки барои гӯшт ворид карда шудааст, шашмоҳа буда, ҳар як сар то 300-400 кг вазн дорад ва дар ин ферма чорво то 6-8 моҳ нигоҳубин мешавад. Дар ин муддат вазни ҳар сар чорво то ба 800-1000 кг мерасад.

Бино ба андешаи мутахассисон, ин зоти чорво барои истеҳсоли гӯшт мувофиқ буда, аз ҳар сари он то 65 фоиз гӯшти босифат ва бозоргир гирифта мешавад. Яъне, агар вазни зиндаи чорво ба 1000 кг баробар гардад, дар ин сурат метавон то 650 кг гӯшт истеҳсол ва бо ин восита дар ферма дар як сол 600 - 650 тонна истеҳсоли гӯшт ба роҳ монда мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои шиносоӣ ба соҳибкор барои таъсиси чунин фермаи чорвопарварӣ изҳори сипос намуда, барои боз ҳам рушд бахшидани соҳа дар минтақа ба масъулин дастуру маслиҳатҳои муфид доданд.

Таъкид гардид, ки дар шароити афзудани талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти гӯштӣ таъсиси чунин фермаҳо дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ саривақтӣ буда, қадами устувор дар таъмини амнияти озуқавории мамлакат мебошад.

Имрӯзҳо дар ноҳияи Мастчоҳ асосан чорвои калони зоти «сементалӣ», «сиёҳало», гӯсфандҳои зоти «ҳисорӣ» ва маҳаллӣ парвариш карда мешавад.

Дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ноҳия 190 227 сар чорвои хурд ва 72 422 сар чорвои калон парвариш меёбад.

Бо мақсади амалигардонии рушди устувори соҳаи чорводорӣ ва мусоидат намудан дар таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифату рақобатпазир аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи маҷмӯавии рушди соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» қабул гардид, ки ба рушди соҳа, зиёд гаштани саршумори чорво, таъсиси фермаҳои чорвопарварӣ мусоидат намуд.

Дар ноҳияи Мастчоҳ се фермаи чорвопарварӣ фаъолият дошта, саршумори чорво зиёд ва истеҳсоли маҳсулоти гӯштию ширӣ дар минтақа рӯ ба афзоиш аст.

Давоми панҷ моҳи аввали соли равон дар ноҳия беш аз 9 143 тонна шир ва 1 315 тонна гӯшт истеҳсол гардидааст. Чорвопарварӣ аз самтҳои сердаромади соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, сол аз сол шумораи фермаҳои чорводорӣ ҳам дар бахши хусусӣ ва ҳам хоҷагиҳои ҷамъиятӣ зиёд мегардад.

Дар вилояти Суғд то якуми июни соли 2023-юм 152 адад фермаи чорвопарварии хурду бузург мавҷуд буда, дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 739 502 сар чорвои калон ва наздик 1 миллиону 800 ҳазор сар чорвои хурд мавҷуд мебошад.

Маҳз, таваҷҷуҳ ва дастгирии роҳбарияти олии мамлакат имкон дод, ки ин самти соҳаи кишоварзӣ дар минтақаҳо рушд карда, имрӯзҳо бозори дохилӣ пурра бо маҳсулоти гӯштӣ ва ширии истеҳсоли худӣ таъмин карда мешавад.

Сарвари давлат аснои шиносоӣ ва мулоқоти самимӣ бо чорвопарварон кори хоҷагидоронро мусбат арзёбӣ карда, барои боз ҳам рушд бахшидани ин соҳаи сердаромад, таъсиси ҳар чӣ бештари фермаҳои чорводорӣ ва фабрикаҳои парандапарварӣ, парвариш ва нигоҳубини чорвои хушзот, афзоиши саршумори чорвою паранда ва таъмини аҳолӣ бо гӯшту шири чорво, тухми паранда ба масъулин дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Муассисон ва соҳибкорони ноҳияи Мастчоҳ дар баробари саҳмгузорӣ дар рушди соҳаи чорводорӣ ва парандапарварӣ дар корҳои ободонӣ низ саҳми арзанда гузоштанд. Дар ин замина зиёда аз 1,5 километр роҳҳои асосӣ ва ҳудуди ҶДММ «Некбахт» мумфарш карда шуд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ, инчунин, дар деҳоти «Палдорак»-и ноҳияи Мастчоҳ коргоҳи дӯзандагии «Ёсуман»-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Самти фаъолияти корхонаи мазкур дӯхти либосҳои миллӣ ва мактабӣ буда, он аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Фазлиддин Ҳасанов таъсис ёфтааст.

Дар ошёнаи якуми бино ду сехи дӯзандагӣ бо 15 мошини дарздӯзӣ ва дигар лавозимоти зарурӣ ба истифода дода шуд. Дар оянда дар ошёнаи дуюм ду сехи дӯзандагии дигарро омода намуда, дар маҷмӯъ дар коргоҳ беш аз 65 зану духтари маҳаллӣ ба кори доимӣ ҷалб мешаванд.

Ҳамчунин, дар корхонаи навбунёд барои ҷалби духтарони деҳот ба омӯзиши ҳунарҳои дӯзандагӣ шароит фароҳам шудааст. Ҳадафи бунёди коргоҳи дӯзандагӣ саҳмгузорӣ дар саноатикунонии босуръати мамлакат, сазовор пешвоз гирифтани Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ, таъмини занону бонувони маҳаллӣ бо ҷои кори доимӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад.

Ин иқдом дар асоси дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба таъсиси корхонаю коргоҳҳои саноатӣ дар деҳоти мамлакат, таъсиси ҷойҳои корӣ ва рушди саноат дар минтақа аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ амалӣ гардидааст.

Зимни шиносоӣ бо фаъолияти корхона Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба иқдоми соҳибкори ватанӣ баҳои арзанда дода, масъулинро вазифадор намуданд, ки дар самти таъмини хонандагони муассисаҳои таълимӣ бо либоси мактабии истеҳсоли ватанӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Ифтитоҳу ба фаъолият пардохтани чунин корхонаҳои дӯзандагӣ дар мамлакат имконият медиҳад, ки дар онҳо бо истифода аз ашёи хоми ватанӣ истеҳсоли либоси мактабӣ, дӯхти либосҳои миллӣ ва либосҳои махсуси корӣ барои соҳаҳои гуногун ба роҳ монда шуда, сокинон бо ҷои кори доимӣ таъмин шаванд.

Маврид ба зикр аст, ки дар ноҳияи Мастчоҳ 48 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо фарогирии 28 ҳазору 850 хонанда ба таълиму тарбия фаъолият доранд. Барои ин шумораи хонандагон либоси тавсиявии мактабӣ пурра дар коргоҳҳои дӯзандагии ноҳия тайёр карда мешаванд. Ҳоло дар шаҳраку деҳоти ноҳияи Мастчоҳ беш аз 10 коргоҳу сехи дӯзандагӣ фаъолият дошта, шумораи коргарон дар ин коргоҳҳо ба беш аз 50 нафар расидааст.

Тибқи барномаи Ҳукумати ҷумҳурӣ дар кишвар, саноати сабук рушд ёфта, дар натиҷаи тадбирҳои андешида дар соҳаи саноати кишвар нишондиҳандаҳои саноати дӯзандагӣ баланд мешавад. Дар панҷ моҳи аввали соли равон дар корхонаҳои ин соҳа ба маблағи 162 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол шудааст, ки талаботи бозори дохилиро қонеъ намуда, қисми маҳсулоти дӯзандагӣ содирот карда мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки дар мамлакат имконияту иқтидорҳои соҳа бояд барои рушди минбаъдаи ин бахш истифода карда шавад. Дар ин самт дар вилояти Суғд тайи солҳои охир барои таъсису бунёди корхонаю коргоҳҳои коркарди нахи пахта ва истеҳсоли маҳсулоти нимтайёру ниҳоӣ нақшаю иқдомҳои муҳим амалӣ мегардад.




**Дар доираи сафари корӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Мастчоҳ, ҳамчунин, коргоҳи коркард ва бандубасти чормағзи заминиро мавриди истифода қарор доданд.**

Корхонаи нахустини коркарди ниҳоӣ ва бандубасти чормағзи заминӣ бо саҳми муассисони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ҷаъфар» таъсис ёфтааст. Дар корхона барои беш аз 25 сокини ноҳия ҷойи кори доимӣ муҳайё гардида, ба коргоҳ 6 таҷҳизоти коркарду бандубасти чормағзи заминӣ аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ворид ва васлу насб шудааст. Тавассути ин хатти технологӣ ҷараёни тозакунии мағзи чормағзи заминӣ, сараю ба хелҳо ҷудо кардани он ва якчанд навъу ғунҷоиши чормағзи заминӣ дар бандубаст анҷом дода мешавад.

Иқтидори шабонарӯзии коркарди чормағзи заминӣ беш аз 40 тонна ва дар як сол зиёда аз 10 ҳазор тонна мебошад. Бо оғози фаъолияти ҶДММ «Ҷаъфар» ҳаҷми зиёди коркарду истеҳсоли чормағзи заминӣ дар бандубасти ҷолиб барои содирот ба роҳ монда мешавад. Ин имконият медиҳад, ки чормағзи заминӣ дар шакли коркардшуда нисбат ба ашёи хом бо арзиши баланд ба фурӯш рафта, аз он манфиати зиёди иқтисодӣ гирифта шавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ ва суҳбатҳои самимӣ бо соҳибкори ватанӣ ва масъулони соҳа аз иқдому таҷрибаи кишоварзони ноҳия дар кишту парвариши чормағзи заминӣ ва рӯёнидани ҳаҷми зиёди ин маҳсулоти содиротӣ қаноатмандӣ намуданд. Таъкид доштанд, ки таъсису ташкили корхонаи коркард дар ноҳия боз як иқдоми шоиста барои муаррифии ин маҳсулоти кишоварзони тоҷик дар бозори ҷаҳонӣ ва афзун намудани даромаднокии соҳа мебошад.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ дар ноҳияи Мастчоҳ бо бардоштани парда аз рӯи лавҳаи рамзӣ ба фаъолияти бинои нави иловагии Маркази ташхисию табобатии «Сино» низ оғоз бахшиданд.**

Бинои Маркази ташхисию табобатии «Сино» дар деҳоти «Мастчоҳ»-и ноҳия бунёд шуда, он аз 3 ошёна иборат мебошад. Дар таҳхонаи бино 2 толори муосири варзишии табобатӣ ва бойгонӣ ташкил гардидааст. Ошёнаи якуми бино дорои 2 ошхона барои то 150 нафар, бахши табиатшифоӣ, ҳуҷраи кормандони тиб барои муоина ва дар ошёнаҳои дуюм ва сеюм ҳуҷраҳои доругузаронӣ, истироҳатӣ ҷойгир шудаанд.

Сохтмони бинои нав моҳи июни соли 2021 оғоз гардида, аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Фаворид» дар муддати ду сол бо сатҳу сифати баланд сохта шудааст.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар бино барои табобат ва истироҳати то 40 нафар дар як вақт шароити зарурӣ фароҳам шуда, барои ташхиси дақиқ ва табобати саривақтии шаҳрвандон панҷ намуди таҷҳизоти нави тиббӣ, амсоли рентгени рақамӣ, ташхиси ултрасадо, дастгоҳи автоматии умумии ташхиси хун ва дигар таҷҳизоту воситаҳои муосири тиббӣ харидорӣ гардида, имконияти ташхисию табобат ва истироҳат ба замони муосир мутобиқ шудааст.

Бо бунёд ва мавриди истифода қарор додани бинои иловагӣ 12 мутахассиси соҳаи тиб, дар маҷмӯъ беш аз 100 нафар, аз ҷумла хатмкардагони коллеҷҳои тиббию Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон бо кор таъмин шуданд.

Дар ҳуҷраҳои истироҳатӣ рахти хоб бо матоъҳои миллӣ оро дода шуда, ҷевон ва мизу курсии нав мавҷуд мебошад ва барои тамошои шабакаҳои телевизионии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият фароҳам аст.

Дар Маркази ташхисию табобатии «Сино» табобат бо усулҳои маъмули тиббӣ, табиатшифоӣ, сӯзандармонӣ, маҳси дастии барқӣ, лазерӣ сурат гирифта, ташхису табобати бемориҳои низоми ҳаракату такягоҳ, асаб, амрози дарунӣ - дар умум 25 номгӯи табобат анҷом дода мешавад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба бунёди бинои наву замонавӣ, фароҳам овардани шароити ҷавобгӯ ба замони муосир, имконияту зарфияти фароҳамгардида барои ташхису табобат ва истироҳат баҳои баланд доданд.

Зимни суҳбат бо кормандони Маркази ташхисию табобатии «Сино», истифода аз имконият, муоширати хуб бо истироҳаткунандагон ва ҷалби мутахассисони ҷавони соҳаи тиб ба кор дастуру супоришҳои муфид доданд.

Роҳбарият ва кормандони ин маркази табобатӣ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои фароҳам овардани имконияти мусоид, дастгирии ҳамешагии намояндагони бахши хусусӣ, ки чунин муассисаҳои замонавӣ бунёд кардаанд, миннатдорӣ баён намуданд.

Дар доираи дастгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди мамлакат, фазои хуби соҳибкорӣ ва иҷрои дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳибкор, муассиси ин маркази ташхисию табобатӣ Боймаҳмад Султонов иқдом намуд, ки барои таъмини талаботи аҳолӣ ба бунёди бинои нав фаъолиятро васеъ намояд.

---

**www.president.tj**

# ЗАВОЛИ ПАРДОХТИ НАҚДӢ

## ДАР ИН ЗАМИНА МАРҲИЛАИ СИФАТАН НАВИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ ШУРӮЪ ХОҲАД ГАШТ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Барои хизматрасонӣ ба дорандагони кортҳои пардохтӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ 4 152 POS-терминал ва 19 708 адад QR-рамз фаъол гардид, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли 2022 мутаносибан 9,2 ва 34,5 фоиз зиёд мебошанд. Ҳоло ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ бо истифода аз кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ 17 фоизро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6,3 банди фоизӣ зиёд аст.

Раиси Бонки миллӣ мутмаин аст, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ инфрасохтори барномавию техникии заруриро барои татбиқи босамари Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» дар ихтиёр дошта, дар сурати тақвият бахшидани ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои давлатӣ омодаанд қабули пардохти ғайринақдии хизматрасониҳои давлатиро тавассути замимабарномаҳои мобилӣ ва шабакаи терминалӣ ба роҳ монанд.

Ба андешаи Ҳоким Холиқзода, мушкилоти асосӣ набудани портали ягонаи пардохти хизматрасониҳои давлатӣ ва заифии инфрасохтори зарурӣ дар бархе аз вазорату идораҳои давлатӣ мебошад.

- Вобаста ба ин дар фармони зикршудаи Президент муқаррар гардидааст, ки то 31-уми декабри соли 2023 портали ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ фаъол шавад. Боварӣ дорем, ки то муҳлати муқарраршуда инфрасохторе, ки шаффофияти пардохти хизматрасонии давлатиро таъмин менамояд, аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дигари масъул созмон дода мешавад, - гуфт раиси Бонки миллӣ.

### «АМОНАТБОНК»: «ОМОДАГӢ ҶИДДИВУ ДУРНАМО НЕК АСТ»

Омода намудани инфрасохтор барои дар сатҳи хубу сифати баланд татбиқ намудани фармони мавриди назар дар филиал, марказҳои хизматрасонии КВД «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ва биноҳои нозироти андоз 853 POS-терминал насб шуд.

Раиси Раёсати КВД «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» Сироҷиддин Икромӣ 23-юми июни соли ҷорӣ ёдовар шуд, ки қаблан дар 372 нуқта қабули маблағи андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ имконпазир буд. Илова бар ин, дар ҳама марказҳои хизматрасонии бонкӣ ва филиалҳои «Амонатбонк» барои пардохти ғайринақдӣ бо истифода аз «Корти миллӣ» шароит фароҳам буда, шахсони воқеӣ ва соҳибкорон метавонанд 11 номгӯи андоз ва зиёда аз 300 намуд пардохтҳои ҳатмиро супоранд. Маълум гардид, ки барои идора намудани равандҳои марбут ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва ҳамгироӣ бо вазорату идораҳо барномаи нави «Фронт-офис» мавриди истифода қарор гирифтааст. Вазорату идора ва ташкилотҳои давлатӣ метавонанд аз утоқи шахсӣ дар барнома истифода бурда, пардохтҳои қабулшударо назорат намоянд. То 22- юми июни соли 2023 шумораи умумии нуқтаҳои савдову хизматрасонӣ ва шахсони воқеӣ, ки дар онҳо QR-рамз насб шудааст, мутаносибан ба 1095 ва 1 422 адад расид. Бо мақсади тавсеа бахшидани хизматрасониҳои фосилавӣ дар замимабарномаи «Амонатмобайл» низ имконияти пардохти 11 намуди андоз ва хизматрасониҳои коммуналӣ фароҳам шуда, теъдоди истифодабарандагони он 384433 нафар ва гардиши маблағ 1 303 140 203 сомониро ташкил намуд.

Навгонии дигари бонкӣ, ки ба рушди хизматрасониҳои фосилавӣ ва фаврии мизоҷон такони ҷиддӣ мебахшад, ин «Интернет-бонкинг» барои шахсони ҳуқуқӣ мебошад. То ин вақт 7 919 корхонаву ташкилот ба он пайваст шудаанд.

### АЗ 5 БА 275 МИЛЛИОН СОМОНӢ, ИН КУҶОВУ ОН КУҶО?

-Аз даҳаи сеюми моҳи март инҷониб тавассути постерминалҳои зикршудаи «Амонатбонк» зиёда аз 275 млн. сомонӣ маблағҳои андоз, пардохтҳои ҳатмӣ ва коммуналӣ қабул ва ба буҷети ҷумҳурӣ интиқол шудааст. Лозим ба ёдоварист, ки дар моҳи март ин нишондиҳанда ҳамагӣ 5 миллион сомониро ташкил медод, - афзуд Сироҷиддин Икромӣ.

Зикр гардид, ки Маркази протсессингии низоми пардохти миллии «Корти миллӣ» ба 26 ташкилоти қарзӣ хизмат расонида,он маркази ягонаи коркарди транзаксияҳои молиявии кортҳои миллӣ ба ҳисоб меравад.

Барои хизматрасонии саривақтӣ 164 ҳазор корти «Фарогир» ба мизоҷон дастрас шуда, мизоҷон бо истифода аз кортҳои мавҷуда низ метавонанд ба таври ғайринақдӣ пардохтҳоро анҷом диҳанд. Иттилоъ гирифтем, ки дар ташкилоту муассисаҳои давлатӣ 237 ва дар бахши хусусӣ 620 POS- терминал насб шудааст, ки ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути онҳо то 20- уми июни соли ҷорӣ 23,6 млн. сомониро ташкил дода, дар қиёс ба ҳамин давраи соли 2022-юм 28,4 фоиз зиёд мебошанд.

### САФАРБАРСОЗИИ МАСЪУЛИН БАРОИ ФАҲМОНДАДИҲӢ

Бино ба гуфти Сироҷиддин Икромӣ, сардорони воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказии бонк, ки сарпарастони филиалҳои бонк мебошанд, ба шаҳру ноҳияҳои кишвар дар ду марҳила аз 27- уми апрел то 6- уми май ва аз 1- уми май то 6- уми майи соли 2023 сафарбар гардида, бо иштироки масъулини сохторҳои



давлатӣ, фаъолони шаҳру деҳот, раисони маҳаллаҳо, роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ, зиёиён ва дигар табақаҳои аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳиро роҳандозӣ намуданд. Иловатан, аз ҳисоби кормандони масъули бонк гурӯҳҳои корӣ ташкил шуда, шурӯъ аз 25- уми май ба шаҳру ноҳияҳо сафарбар гардидаанд, то тартиби гузаронидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро ба мардум фаҳмонида, мушкилоти ҷойдоштаро бартараф намоянд.

Дар баробари таблиғу ташвиқи хизматрасониҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар воситаҳои ахбори оммаи кишвар, дар саҳифаҳои бонк дар шабакаҳои иҷтимоии «Фейсбук», «Инстаграм», «Телеграм» ва сомонаи расмӣ - www.amonatbonk.tj низ фаъолият муассир аст. Месазад ёдовар шавем, ки Маркази тамос (1885) 24 соат фаъол буда, оид ба фаъолият, навгониҳо, шабакаи таҷҳизоти терминалӣ, қоидаҳои истифодаи кортҳои пардохти «Амонат-мобайл», «Интернет-бонк» ба мизоҷон маълумоти муфассал дода, дар ҳолати зарурӣ мусоидат менамоянд. Барои омӯзиши истифодаи воситаҳои электронии пардохт ва воситаҳои қабули пардохтҳои ғайринақдӣ (бонкдории мобилӣ, POS-терминал, QR-рамз ва ғайра) дар байни кормандони Раёсати бонк, филиалҳо ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ, инчунин донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дарс ва корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуд. Ба ғайр аз ин, волонтёрон низ ба ин раванд ҷалб шуда, дар тарғибу ташвиқи пардохти ғайринақдӣ саҳмгузоранд.

### СИТОИШ, НИГАРОНӢ ВА ТАЪКИД

Сироҷиддин Икромӣ ҳамгироии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ШСХК «Барқи Тоҷик»-ро бо «Амонатбонк» вобаста ба масъалаи мавриди назар ситоиш намуда, аз бетафовутии баъзе ниҳод нигаронӣ кард. Ҳарчанд номбурда бо риояи назокат вазорат ё кумитаву ташкилотеро ном набурд, вале ашхоси огоҳ медонанд, ки киҳо ва чаро ба тавсеаи пардохти ғайринақдӣ ҳавасманд нестанд.

-Иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» ба ҳама вазорату идораҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ҳатмӣ буда, бояд онҳо пойгоҳҳои иттилоотӣ, феҳристи хизматрасонӣ ва равзанаи ягона таъсис диҳанд, -таъкид кард раиси Раёсати КВД «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк».

### РИСОЛАТИ КОРТҲОИ ПАРДОХТӢ ПУЛНАҚДКУНӢ НЕСТ

Эътироф бояд кард, ки чанд соли охир истифодаи кортҳои пардохтӣ аз ҷониби шаҳрвандони мамлакат тавсеа ёфта, раванди дастрасӣ низ ба онҳо хеле сода гардонида шудааст. Ҳамрадиф бо ин иқдомот, бонкҳои кишвар низ фаъолияти хешро густариш бахшида, ҳатто дар дурдасттарин минтақаҳо банкоматҳои худро ба истифодаи мизоҷон вогузоштанд.

Вале ба ҳеҷ ваҷҳ мавҷудияти таъдоди зиёди кортҳои пардохтӣ маънои тибқи талаботи мавҷуда истифода гардидани онҳоро надорад. Мушоҳида мешавад, ки қисмати зиёди кортҳои пардохтӣ танҳо рисолати пулнақдкуниро ба ҷой меоранду халос. Шоҳиди он ҳастем, ки дар фарҷоми моҳ назди банкоматҳо шаҳрвандон навбат истода, маблағ нақд мекунанд. Ҳарчанд ки барои мунтазам гирифтани маблағ имкон фароҳам аст, вале ҳама кӯшиш менамоянд, ки якбора маблағи корти хешро «холӣ» кунанд. Ҷойи пӯшида нест, ки ҳоло қисми зиёди шаҳрвандони ҷумҳурӣ то чӣ андоза манфиатовар будани истифодаи кортҳои пардохтиро дарк накардаанд.

Ҳамватанон бояд дуруст дарк намоянд, ки истифодаи мақсадноки корти пардохтӣ бартарии зиёд дорад. Аввалан, он воситаи хеле қулайи баҳравар гаштан аз хизматрасониҳои молиявӣ ба ҳисоб рафта, тавассути он харидории дилхоҳ молу маҳсулот аз марказҳои савдо, интиқоли маблағ, нигоҳдории амонат (депозит) имконпазир аст. Сониян, барои дорандагони чунин корт зарурати ба худ гирифтани маблағи зиёди нақд пайдо намешавад. Кифоя аст, ки банкомат ё POS - терминалро пайдо намуда, дар доираи хизматрасониҳои барои корти пардохтӣ пешбинишуда маблағи заруриро, ки дар ҳисоб мавҷуд аст, гиранд. Ин омил ба коҳиш ёфтани пули нақд дар гардиш, ки аз лиҳози иқтисодӣ хеле муҳим аст, боис мегардад.

Бар замми ин, густурда гардидани пардохти ғайринақдӣ ба ғанӣ гардидани буҷети давлатӣ, ҷалби маблағҳои аз гардиши бонкӣ берунмонда, муътадил нигоҳ доштани қурби асъори миллӣ ва боз ҳам боло рафтани нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари бемайлон рушдёбанда кумак мерасонад.

Ба андешаи инҷониб, омӯзиш ва мавриди истифода қарор додани таҷрибаи Сингапур доир ба ин масъала, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон ёдовар шуданд, ба манфиати кор аст. Далелҳои дастрасшуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки ба шарофати иқдомоти мақсадноки амалишуда дар муддати кӯтоҳ пардохти ғайринақдӣ дар ин кишвар ба кори муқаррарӣ табдил ёфта, ҳатто пардохти роҳкирои таксӣ бо ин усул сурат мегирад.

Дар маҷмӯъ, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» ба маънои том таҳрикбахши рушди соҳа аст, ба шарте ки масъулин шавқу завқ дошта бошанду рисолату ваколаташонро дар сатҳи хуб ва сифати баланд иҷро намоянд.

---

**Далер АБДУЛЛО,**
**муовини сармуҳаррири «Садои мардум»**

**Хонандагони азиз, шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 416484 | МДТМ «Интернати ҷумҳуриявии кӯдакони шунавоишашон суст ва деркаршуда»-и ноҳияи Рӯдакӣ | Корҳои таъмирию сохтмонӣ дар муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 14.07.2023 16:57:00 |
| 2 | 416502 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии мубориза бар зидди бемориҳои карантинӣ» | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.07.2023 14:35:00 |
| 3 | 416482 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Таҷҳизот ва асбобҳои тиббӣ, масрафшавандаи тиббӣ ва реагентҳои лабораторӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 48 | 25.07.2023 15:30:00 |
| 4 | 416485 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей - интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 25.07.2023 17:10:00 |
| 5 | 416479 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Системаи оперативӣ ва барномаи офисӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 25.07.2023 17:37:53 |
| 6 | 416486 | «Беморхонаи марказии ба номи академик К. Тоҷиев»-и шаҳри Конибодом | Доруворӣ ва молҳои тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 185 | 25.07.2023 17:55:55 |
| 7 | 416487 | Беморхонаи марказии шаҳри Левакант | Таъмири бинои беморхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 26.07.2023 08:40:05 |
| 8 | 416489 | Шуъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Корҳои ободонӣ ва таъмири бинои асосии шуъба | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 26.07.2023 08:54:00 |
| 9 | 416488 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар | Рангубори намои бинои хонаҳои баландошёна дар биноҳои 5- ошёнаи №176 ва 182-и хиёбони Ваҳдати шаҳри Бохтар) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 26.07.2023 09:00:00 |
| 10 | 416491 | Раёсати ҳифзи муҳити зисти вилояти Суғд | Корҳо оид ба тағйиру мустаҳкам намудани варзишгоҳ ва утоқи ронандагон дар раёсат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 26.07.2023 12:00:00 |
| 11 | 416492 | Муассисаи таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №26»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 42 | 26.07.2023 12:00:00 |
| 12 | 416493 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавсозии «Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров» (васлу насб ва ҷойгиркунии таҷҳизоти осорхона. Марҳилаи 3) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 26.07.2023 12:00:00 |
| 13 | 416494 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Кабели баландшиддати 10 кВ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 26.07.2023 13:00:00 |
| 14 | 416497 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизот барои ошхона, мизу рафҳои филизӣ ва ҷойи шустушӯй (мойка) барои ошхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 39 | 26.07.2023 13:15:00 |
| 15 | 416498 | Муассисаи давлатии «Майдони Истиқлол»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Молҳо ва асбобҳои рӯзгор, комбинезон, пойафзол, гул ва нурӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 50 | 26.07.2023 13:35:00 |
| 16 | 416499 | Муассисаи давлатии «Майдони Истиқлол»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Бензин ва сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 26.07.2023 13:55:00 |
| 17 | 416495 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Кабели баландшиддати 0,4 кВ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 26.07.2023 14:00:00 |
| 18 | 416500 | Муассисаи давлатии «Ҳаракати ҷамъиятии Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон» | Чопи китоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 26.07.2023 14:10:00 |
| 19 | 416501 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии эндокринологӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 26.07.2023 14:15:15 |
| 20 | 416496 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Кабели баландшиддати 0,4 кВ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 26.07.2023 14:30:00 |
| 21 | 416490 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.07.2023 09:07:33 |
| 22 | 416507 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ барои мактаббачагони истироҳатгоҳи берунашаҳрии «Гулхан» дар 4 баст, барои ҳар як баст 231 нафар тарбиятгиранда | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 15.07.2023 16:05:00 |
| 23 | 416508 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Кӯдакистони №27»-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.07.2023 16:20:00 |
| 24 | 416526 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳо»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Либоси махсуси корӣ ва камзӯлчаи инъикоскунанда | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 17.07.2023 15:10:55 |
| 25 | 416504 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавсозии Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров (муҷаҳҳазкунонии осорхона ва васлу насби таҷҳизоти барқӣ. Марҳилаи 2) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 26.07.2023 16:10:00 |
| 26 | 416505 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Бунёди ток дар минтақаи таълимӣ - таҷрибавии Палоси муассиса (идомаи корҳо) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 26.07.2023 16:10:00 |
| 27 | 416506 | Кумитаи ҳифзи табиати шаҳри Панҷакент | Гулҳои мавсимӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 26.07.2023 16:10:00 |
| 28 | 416503 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маводи мулоим | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 26.07.2023 16:19:12 |
| 29 | 416509 | Раёсати ҳифзи муҳити зисти вилояти Суғд | Аквариум, мебел, техникаи офисӣ ва маишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 26.07.2023 16:30:00 |
| 30 | 416510 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №24»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 38 | 26.07.2023 16:30:00 |
| 31 | 416511 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №40» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 39 | 26.07.2023 16:30:00 |
| 32 | 416512 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №7-и шаҳри Конибодом | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 35 | 26.07.2023 16:30:00 |
| 33 | 416513 | Муассисаи давлатии «Телевизиони кӯдакону наврасон - «Баҳористон» | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 53 | 26.07.2023 17:45:00 |
| 34 | 416515 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Муҳаррики боддиҳанда | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 26.07.2023 18:50:00 |
| 35 | 416516 | Муассисаи давлатии тандурустии «Маркази клиникавии дермато-венерологӣ»-и вилояти Суғд | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 27.07.2023 10:00:00 |
| 36 | 416517 | Муассисаи давлатии «Мудирияти корхонаҳои сохташудаистода»-и Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Азнавсозии роҳи автомобилгард (пӯшонидани сатҳ бо омехтаи асфалту бетон 3300 $м^2$) ва кашидани хатти интиқоли барқ дар деҳаи Обисангбури ноҳияи Файзобод | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.07.2023 10:00:00 |
| 37 | 416518 | Бахши ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Мастчоҳ | Азнавсозии системаи гармидиҳии бахш ва шинонидани ҳайкалчаҳои ҳайвонот дар маркази ноҳияи Мастчоҳ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.07.2023 10:36:36 |
| 38 | 416519 | Бахши ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Мастчоҳ | Молҳои канселярӣ, китоб, матоъ барои баннер, хӯрокворӣ, инвентари нарм ва гули виола | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 16 | 27.07.2023 10:36:36 |
| 39 | 416520 | Корхонаи давлатии коммуналии «Идораи сохтмони асосӣ»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд | Мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 27.07.2023 10:36:36 |
| 40 | 416521 | Муассисаи давлатии «Кумаки аввалияи тиббӣ - санитарӣ»-и шаҳри Истаравшан | Сохтмони бунгоҳи тиббӣ, воқеъ дар шаҳраки Курушкадаи шаҳри Истаравшан | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.07.2023 10:36:36 |
| 41 | 416522 | Маркази саломатии ноҳияи Спитамен | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 27.07.2023 10:36:36 |
| 42 | 416523 | Муассисаи давлатии «Боғи Ғалаба» | Сӯзишворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 27.07.2023 11:11:00 |
| 43 | 416524 | Муассисаи давлатии «Кохи Истиқлол»-и Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Либосҳои махсуси корӣ, хоҷагидорӣ, нуриҳои минералӣ, хӯроки моҳӣ ва пойафзол | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 28 | 27.07.2023 11:30:00 |
| 44 | 416525 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №7-и шаҳри Бохтар | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 35 | 27.07.2023 12:15:20 |
| 45 | 416527 | Беморхонаи шаҳрии №2-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 22 | 27.07.2023 13:45:00 |
| 46 | 416528 | Беморхонаи шаҳрии №2-и шаҳри Хуҷанд | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 27.07.2023 13:45:00 |
| 47 | 416529 | Беморхонаи шаҳрии №2-и шаҳри Хуҷанд | Таъмири дохили бинои шуъбаи қабулгоҳи беморхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.07.2023 13:45:00 |
| 48 | 416530 | Муассисаи давлатии «Хона -интернати беморони рӯҳӣ»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 27.07.2023 14:45:00 |
| 49 | 416531 | Беморхонаи ноҳиявии шаҳраки Зарафшони ноҳияи Айнӣ | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 153 | 27.07.2023 14:50:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БДА ЧТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ЭЪЛОН!

ҶДММ «Ширинињои Хоҷамумин», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ бо РЯМ 1910004901 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Восеи вилояти Хатлон додааст, номашро ба ҶДММ «Шуҳрати Истиқлолият» иваз намуд.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино кӯчаи Бобоҷон Ғафуров 8/2, хонаи 3 ба Носиров Аюбҷон Диловарович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Фирдавсӣ Д, бинои 5/10, хонаи 2 ба Давлатбекова Наргис Давлатқадамовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Навобод, хонаи 2 ба Ҷумаева Ситора Ҳотамовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонуни силсилаи ДШ №1272382-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонӣ 27-уми июли соли 2021 таҳти феҳрасти 4М-233 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Навобод, хонаи 2 ба Ҷумаева Ситора Ҳотамовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи байни ҶСП «Муқим-1» ва шаҳрванд Мирзомуддинов Абдураҳмон бо мақсади саҳмгузорӣ дар бунёди манзили истиқоматӣ баста шуда дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Сино, бинои 29, хонаи 82 пешбинӣ гардидааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи бинои истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чоргултеппа, деҳаи Чорсу ба Ҳасанов Муҳаммадӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартираи силсилаи ДШ № 0567165, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 12-уми декабри соли 2014 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ (собиқ Путовский), бинои 61, хонаи 50 ба Якубов Баҳодур Ашуралиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Абдулло Назрӣ, хонаи 25 ба Маҳмудов Саъдӣ Шарифович додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибос аз Феҳрасти ягонаи соҳибкорони инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино 20-уми феврали соли 2017 ба Камбаров Билол Буриматошевич (РЯМ 0430231249) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи дуюми кӯчаи Убайди Зоконӣ, ҳавлии 8 «а» ба Абрамян Светлана Сетраковна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи ба ҳуқуқи моликият супоридани квартираи гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 1-уми марти соли 2022 таҳти феҳрасти 1Ш-320 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Пушкин, бинои 10, хонаи 10 ба Нурова Шаҳноза Сайдуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТК № 0029375-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Рӯдакӣ соли 2009 ба Каримова Умеда Раҳмоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки М. Турсунзода, кӯчаи Коргар, бинои 16, хонаи 25 ба Шарофидинов Асатилло Бобоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД -1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳаёти нав, хонаи 316 ба Раҷабова Файзимо додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД -1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Шерозӣ, бинои 64/1, хонаи 9 ба Абдураҳимова Руҳина Ҳуснидиновна додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти ҳуқуқи фаъолияти соҳибкории гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Хоҷаева Руҳафзо Хайриддиновна (РМА 046504251) додааст, эътибор надорад.

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи давлатдорӣ ва волояти қонун

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 7 июли соли 2023, соати 17:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34505 нусха*

Навбатдори шумора С. Суннатӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97